# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.03.2026, таҳти №7**

Барои сазовор донистани Ализода Алиҷон Анвар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсия дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822–1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор)-ро 24-уми декабри соли 2025, суратмаҷлиси №34, шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида, аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ализода Алиҷон Анвар 10 октябри соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Пас аз хатми гимназияи ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара (2013) ба факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар) дохил шуда, соли 2018 онро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ бомуваффақият хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Ализода Алиҷон Анвар аз соли 2018 оғоз мегардад. Солҳои 2018–2021 ассистенти кафедраи таърихи умумӣ ва аз моҳи сентябри соли 2021 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият дорад.

Ализода Алиҷон Анвар бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Данғара аз 15.02.2020 таҳти №Ф-05/009-20 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи умумӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.03 – Таърихи умумӣ қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи илмии Ализода Алиҷон Анвар таҳти унвони «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822-1918)» дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 14 апрели соли 2020, таҳти №9 зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Расулиён Қаҳҳор Расул тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (аз 22.10.2025, протоколи №6).

**Роҳбари илмӣ**: Расулиён Қаҳҳор Расул – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Исмоилова Машҳура Буховатдиновна –** номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Ф.А. Мирзов, ташхисгар – номзади илмҳои таърих, дотсент Д.Н. Негматов, котиби ҷаласа номзади илмҳои таърих, дотсент Т.А. Наҷмиддинзода (суратмаҷлиси №7, аз 04.02.2026) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ доктори илмҳои таърих, профессор А.И. Ибодуллозода тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Ализода Алиҷон Анвар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 9 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

[1-М] Ализода, А.А. Ҳиндустон маҳди матбуоти форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №6. – С.60-68.

[2-М] Ализода, А.А. Саҳми Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ дар рушди матбуоти тоҷик [Матн] / А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе 2022. – №4 (99). – С.338-346.

[3-М] Ализода, А.А. Нақши рӯзномаи «Бухорои шариф» дар бедории шуури миллии тоҷикон [Матн] / А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4. – С.100-108.

[4-М] Расулиён, Қ.Р. Таърихи матбуоти Эрон аз Инқилоби машрута то анҷоми Ҷанги Якуми Ҷаҳон [Матн] / Қ.Р. Расулиён, А.А. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №1. – С.12-23.

**Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табърасида:**

[5-М] Ализода, А.А. Ҳиндустон: оғози ташаккули матбуоти форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / А.А. Ализода // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – №4. – С.132–139.

[6-М] Ализода, А.А. Матбуоти Эрон дар солҳои Инқилоби Машрута [Матн] / А.А. Ализода // Мақолоти таърихӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Шоҳин. – С. 2022. – С.80–100.

[7-М] Ализода, А.А. Матбуоти Эрон дар солҳои инқилоби конститутсионии 1905-1907 [Матн] / А.А. Ализода // Масъалаҳои мубрами тибби муосир: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Данғара, 2022. – С. 378–379.

[8-М] Ализода, А.А. Инъикоси таърихи матбуот дар осори устод Расулиён [Матн] / А.А. Ализода // Таърихнигори соҳибмактаб: маводи ҳамоиши илмӣ-назариявӣ бахшида ба 70-солагии профессор Қаҳҳори Расулиён. – Душанбе, 2023. – С.181-189.

[9-М] Ализода, А.А. Таъсиси матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар Осиёи Миёна [Матн] / А.А. Ализода // Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Данғара, 2022. – С.135-139.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Б.П. Тақриз мусбат буда, як эрод дорад. Эрод чунин аст: 1. Дар автореферати рисола баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

2. Номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Обидов Р.Ҳ. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав Мирзоев Ғ.Ш. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

4. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Изатов У.Х. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд**: Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ дар солҳои 1822–1918 таҳқиқу баррасӣ гардид.

- **ошкор менамояд**, ки матбуоти форсӣ дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Эрон, Ҳиндустон, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Африқо ва Англия чӣ тавр таъсис ёфт ва то чӣ андоза рушду такомул ёфт.

- **пешниҳод шудааст,** ки таърихи муфассали матбуоти форсизабони на танҳо Эрону Афғонистону Тоҷикистон, балки кишварҳои Ҳиндустон, Туркия, мамолики Араб ва дигар мамлакатҳои Осиёву Аврупо ва Амрико таълиф гардид. Зеро, ба ин васила метавон малакаву маҳорати касбии рӯзноманигоронро омӯхта, мақому манзалати забону адаби форсиро дар ҷаҳони муосир муайян намуд.

- **исбот шудааст,** ки нахустин нашрия бо забони форсӣ на дар ватани аслии забони форсӣ - Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон, балки дар ватани дуюми он Ҳиндустон пайдо шудааст. Гаҳвораи рӯзноманигории форсӣ шаҳри Калкутта мебошад, ки сипас аз он ҷо ин суннат ба бархе аз нуқоти ин сарзамин густариш ёфт. Таърихи рӯзноманигории форсӣ бе баррасӣ ва таҳқиқи рӯзномаҳо ва маҷалаҳои форсии Ҳинд мукаммал нест. Аз нимаи дуюми асри XI то соли 1857 ба муддати ҳафсад сол дар нимҷазираи Ҳинд забони форсӣ ба унвони забони давлатӣ арзи ҳастӣ дошт ва пажуҳишгарон он даврони бошукӯҳу азаматро ба ҳайси «императории забони форсӣ» ёд мекунанд.

- **ҷорӣ намудани** фанни махсусе бо номи «Таърихи матбуоти форсизабони ҷаҳон» дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки мутахассисонро дар самти таърих, рӯзноманигорӣ, филология ва муносибатҳои байналмилалӣ омода мекунанд, муҳим мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои он метавонанд дар фаъолияти касбии мутахассисон дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсатшиносӣ, фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ, ва журналистика бо мақсади баланд бардоштани самаранокии рушди низоми матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид будани худро собит созанд. Муқаррароти аслӣ, хулосаву тавсияҳои илмӣ дар мавзуи таҳқиқотӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ ва заминаи таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳо дар соҳаи матбуот хизмат намояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** таҳлилу таҳқиқи таърих ва ташаккули матбуоти форсӣ дар кишварҳои олам сурат гирифтааст. Мушаххас гардидааст, ки аввалин рӯзномаи форсӣ дар Ҳинд ба табъ расидааст. Минбаъд дар дигар кишварҳои олам роҳ ёфта, ҳамчун омили асосии

- **баён шудани** ташаккули матбуот дар Эрон, ки аз табъу нашри рӯзномаи «Қоғази ахбор» дар соли 1837 оғоз меёбад, дорои чанд вижагии ба худ хос аст. Дар дигар кишварҳои олам нашри матбуоти форсӣ низ

хусусиятҳои махсуси худро дорад. Дар Осиёи Миёна «Бухорои шариф» нахустин рӯзномае буд, ки сирф ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба табъ мерасид. «Бухорои шариф» дар умри кутоҳи худ тавонист дар бедорию худогоҳии мардум, тарғиби илму дониш, ҳисси маорифпарварии маърифатхоҳон ва муҳимтар аз ин фаҳмиши фарҳанги рӯзноманигориву ташаккули матбуоти тоҷик нақш ва замина гузорад. Дар таъсири матолиби «Бухорои шариф» чандин маърифатхоҳон аз пайи кушодани макотиби усули ҷадид шуда, ба таълиму тарбия пардохтанд, нашрияҳои даврӣ ба вуҷуд омаданд, фарҳанги рӯзноманигорӣ ташаккул ёфт.

- **ошкор гардидани** раванди ташаккули матбуоти форсӣ ба ҷуз аз Ҳиндустону Эрон боз дар давлатҳои имрӯзаи Гурҷистон, Озарбойҷон, Туркия, Афғонистон, Миср, Британияи Кабир, ИМА, Олмон ва ғайра низ табъу нашр гардидаанд. Теъдоде аз ин рӯзномаву маҷаллаҳо ба дасти эрониёни муҳоҷир, аз ҷумла мухолифини давлату ҳукумати вақти Эрон табъу нашр мешуданд, ки яке аз маъруфтарини онҳо «Қонун» -и Мирзо Малкумхон дар Англия аст.

- **омӯхта шудани** таърихи матбуоти форсӣ ва густариши он дар кишварҳои ҷаҳон барои таърихи мо тоҷикон муҳим арзёби мешавад. Зеро матбуот муҳимтарин василаи пайвандкунандаи мардум бо тамоми шохаҳои ҳокимият буда, баробари бохабар кардани омма аз ҳар гуна ҳодисаву воқеаҳои дохиливу хориҷи кишвар, инчунин дар маърифатнокӣ, ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии инсон нақши муассир мегузорад. Ҳамзамон, барои муайян кардани ҷойгоҳи забону адаби тоҷикон ва дар маҷмуъ, форсизабонон мусоидати бештар дорад.

- **аз нав такмил додани** нақшаву барномаҳои таълимӣ дар факултетҳои журналистика ва таърих, инчунин таҳаввули матбуоти даврии кишвар мусоидат менамояд. Зеро таҳқиқоти диссертатсионӣ паҳлуҳои норушани нашрияҳои форсӣ дар кишварҳои ҷаҳонро ошкор сохта, барои таҳқиқоти минбаъда заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихи матбуоти тоҷик, ташаккул ва таҳаввули матбуоти форсӣ дар кишварҳои олам, тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамзамон, натиҷаи таҳқиқотро метавон дар шакли «курси махсус» бо номи «Таърихи матбуоти форсизабони ҷаҳон» дар факултетҳои таърих ва рӯзноманигорӣ таълим дод.

- **муайян карда шуданд**, ки бо таъсиси матбуот ба забони форсӣ дар таърихи насри форсӣ жанри навпублисистика ва дар забони матбуот ва ё сабки рӯзноманигорӣ ва вожаҳову истилоҳоти хоси он пайдо шуд. Қавонини ин жанри ҷадид тақозо менамуд, ки ахбору мақолаҳо ба забони қобили дарки аксарият, бо калимаҳои балеғи меросӣ ва луғату истилоҳоти тозаворид

навишта шавад. Аз ин лиҳоз зуҳури рӯзномамаву маҷаллаҳо дар рушду истиқрори истилоҳоти нав дар ин давра нақши муҳим бозид.

- **офарида шуд**: таърихи ташаккули матбуоти форсӣ дар кишварҳои олам бо фарогирии мазмуну моҳият ва нақши онҳо дар бедории миллӣ арзёбӣ гардид. Инчунин, пайдоиши рӯзномаҳо ба забони форсӣ дар дигар кишварҳои ҷаҳон, омилҳои ба вуҷуд омадани онҳо, мавзуъҳои асосии дар саҳифаҳои онҳо дарҷшуда, таъсири онҳо ба ҷомеа, аз ҷумла ба равшанфикрону таҳсилкардагон дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла аморати Бухоро ошкор карда шудааст.

- **муаррифӣ карда шуд:** дар натиҷаи таҳлили манобеи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ташаккул ва таҳаввули матбуоти форсӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон мушаххас гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки маълумоти дақиқ, муътамадии сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот муҳим мебошанд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

- **ғоя** дар пояи мавзуи марҳалаҳои ташаккули матбуоти форсӣ дар кишварҳои ҷаҳон дар солҳои 1822 – 1918 **асоснок шудааст**.

- **истифода шудаанд:** осори олимони Тоҷикистон М. Абдуллоев, А. Азимов, Д. Ашуров, Ҳ. Боқиев, Н. Ғаффоров, П. Гулмуродзода, Б. Исомуддин, Н. Ковиёнӣ, А. Қутбидинов, С. Мирзоалӣ, М. Муродов, А Набавӣ, А Нуралиев, Қ. Расулиён, У. Раҳмонов, О. Салимзода, В. Самад, И. Усмонов, С. Мирзоев, Н. Ҳотамзода, Р. Ҳошим, Қ. Шарифзода, М. Анорқулова, муҳаққиқони Эрон ба мисли П. Абдулзиё, Ҳ. Ардаконӣ, М. Барзин, М. Баҳор, Р. Исмоил, М. Исмоилпур, Г. Қуқанд , С. Қосимӣ, С. Маданӣ, М. Маликзода, Ҳ. Муқаддам, С. Муҳаммад, Қ Муътамадинажод, С. Нафисӣ, П. Носируддин, Ф Одамият, Я. Орайнпур, И. Пурқуночонӣ, И Пурҳодӣ, И. Разморо, инчунин донишмандони Афғонистон, аз қабили А. Бенаво, Б. Давлатободӣ, Ф. Котиб, М. Муҳаммадғубор, К. Оҳанг, М. Оҳанг, Р. Раҳин, С. Риштиё, Р. Фарҳодӣ, М. Фарҳанг, М. Ҳиравӣ, С. Ҷӯё дар таълифи рисола мусоидат намуданд.

**муайян шудаанд**, ки таърихи таъсис ва роҳи тайнамудаи рӯзномаҳои давлатию ғайридавлатӣ дар Эрон ва ҳамчунин марҳалаҳои рушди матбуот, мавзуъҳои асосии дарҷшуда дар саҳифаҳои онҳо, заминаҳои пайдоиши матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна, таърихи пайдоиши нахустин рӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Бухорои шариф», нақши он дар тарғиби илму маориф ва бедории фикрии омма нишон дода шудааст.

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо,

пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** таҳия, асоснокkунӣ, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти шахсии муаллиф мебошад. Инчунин, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тавсифи маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад.

Дар маҷлиси 18 марти соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Ализода Алиҷон Анвар ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ 3 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар (ду нафар тариқи онлайн), муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Акрамова С.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**
**18.03.2026**